## ХУЛОСАИ НИҲОИИ
## ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-029-И НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ФАЛСАФА

Парвандаи аттестатсионии №___

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 07 марти соли 2024, таҳти №22**
**Барои сазовор донистани Муллоботур Муллобаҳодур ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ**

Диссертатсияи Муллоботур Муллобаҳодур дар мавзуи «Ифротгароии динӣ: шаклҳо ва сабабҳои пайдоиши он дар ҷомеаи тоҷикистонӣ (таҳлили фалсафӣ – иҷтимоӣ)", дар таърихи 28-уми декабри соли 2023, суратмаҷлиси №15 аз ҷониби Шурои диссертатсионӣ (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 феврали соли 2022 таҳти №38) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, соли таваллудаш 1992, соли 2015 факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси сиёсат ва идораи давлат хатм намудааст. Аз соли 2017 то ба ҳол ба ҳайси омӯзгори кафедраи сиёсатшиносӣ ва идораи давлати Донишгоҳи давлатии Данғара фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии Данғара омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ: Маҳмадизода Нозим Давлатмурод** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи ДМТ

**Муқарризони расмӣ:**

**Қаҳҳоров Ғаюр Ғафурович** - доктори илмҳои фалсафа, профессор, сарходими илмии шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовадинови АМИТ.

**Раҳматов Убайдулло Нематович** - номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар – Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, дотсент Шарипов И.У. омода карда шуда, аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, дотсент Сайдуллоева Г.Р . ба имзо расидааст ва аз ҷониби ректори ҳамин

Донишгоҳ, доктори илмҳои техникӣ Амонзода И.Т тасдиқ шудааст, қайд менамоянд, ки диссертатсияи Муллоботур Муллобаҳодур дар мавзуи “Ифротгароии динӣ: шаклҳо ва сабабҳои пайдоиши он дар ҷомеаи тоҷикистонӣ (таҳлили фалсафӣ – иҷтимоӣ)” аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 32 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ мебошад.

Муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда дар асоси мутахассис аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ буданаш ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи таҳқиқшавандаи диссертатсияи Муллоботур М. алоқамандии зич доранд.

Муллоботур Муллобаҳодур оид ба мавзуи диссертатсия 4 маводи илмӣ таҳия намудааст. Ҳамаи мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтаанд.

**Муҳимтарин интишороти довталаб аз рӯйи мавзуи диссертатсия, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд:**

1. Муллоботур М. Ифротгароии динӣ ҳамчун таҳдиди сиёсӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ [Матн] / Муллоботур М // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ, № 7. – Душанбе, 2018. – С. 309-312. ISSN 2413-5151.
2. Муллоботур М. Сабабҳо ва омилҳои ифротгароии динӣ дар шароити муосир [Матн] / Муллоботур М // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ, № 8. – Душанбе, 2018. – С. 307-311. ISSN 2413-5151.
3. Муллоботур М., Маҳмадизода Н.Д. Самтҳои асосии мубориза бо экстремизми динӣ дар шароити муосир [Матн] / Муллоботур М // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ, № 10/1. – Душанбе, 2020. – С. 307-311. ISSN 2413-5151.
4. Муллоботур М. Пешомади экстремизми динӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ [Матн] / Муллоботур М // Идоракунии давлатӣ. Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2021 / №4/1 (53). – С. 242-249. ISSN 2709-8567.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд:**

**Ҳодибоев Фаридун**– номзади илмҳои фалсафа, дотсент, сардори маркази иттилоот ва таҳлили раёсати Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, тақриз мусбат

**Гулов Асламшо**– номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи давлатии тибии Хатлон, тақриз мусбат.

**Миров Фируз** – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, тақриз мусбат

Ҳамаи тақризҳои ба автореферат воридгардида мусбат арзёбӣ гардида, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти ҷузъӣ дошта ва пешниҳодҳо манзур шудаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии довталаб:**

- шаклҳо ва сабабҳои пайдоиши ифротгароии динӣ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ аз диди фалсафӣ – иҷтимоӣ **коркард карда шудаанд;**
- **исбот карда шуд**, ки ифротгароии динӣ ба монанди дигар падидаҳо зуҳуроти тасодуфӣ нест ва дорои сарчашмаҳои объективӣ ва субъективии зоҳиршавӣ ва қонуниятҳои хоси худ мебошад;
- **қайд карда мешавад,** ки сатҳи рушди иқтисодиву иҷтимоӣ, рушди ҷанбаҳои равонӣ, маълумоти динӣ, ки хусусияти радикалӣ дорад, таъсир ва маблағгузории ҳаракату ҷараёнҳои ифротии хориҷӣ дар ҳама ҳолат метавонанд, ки ҳамчун замина ва омили асосии паҳн гардидани ифротгароии динӣ баромад намояд;
- **пешниҳод карда мешавад,** ки роҳҳо ва воситаҳои асосии мубориза бо ифротгароии динӣ дар давлатҳо, таъмини самаранокии мухолифат бо ифротгароии динӣ дар асоси фаъолияти ҳамбастагии ҷомеаҳои муосир дар асоси донишҳои илмӣ имконпазир аст
- **муайян карда шуд,** ки роҳҳои самараноки мубориза бо ифротгароии динӣ, корҳои фаҳмондадиҳӣ ва ба роҳ мондани маълумотгирии динӣ дар кишварҳои тозаистиқлол ба ҳисоб меравад, зеро аксарияти одамон дар асоси надонистани консепсияҳои асосии динӣ ба ҳаракату ҷараёнҳои ифротӣ пайваст мешаванд;

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст, ки** бо имконияти истифодаи натиҷаҳои назариявӣ ва методологии он дар таҳқиқи фаъолияти гурӯҳҳои ифротӣ муайян карда

шудааст. Хулосаҳои муаллиф метавонанд ба омӯзиши дақиқи назариявии равандҳои ҷамъиятиву иҷтимоӣ, ифротгароии динӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ муосидат намоянд. Илова бар ин, аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур дар ошкор намудан ва илман асоснок кардани фаъолияти ҳаракат ва созмонҳои ифротӣ зоҳир мегардад.

Дар таҳқиқоти рисола, муаллиф идеяи бо пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва ба даст овардани истиқлолияти миллӣ аз тарафи Тоҷикистон, барои бунёдгароёни маҳаллӣ зарурат пеш омад, ки бо намояндагони ба қавле "исломи ноб", ки солҳои 90-ум ба Тоҷикистон ворид гардида буданд, рақобат намоянд ва дар ин рақобат бунёдгароёни маҳаллӣ одатан номуваффақ буданд, **баён кардаанд**.

Тамоюли афзоиши ифротгароӣ дар зери парчами динӣ дар давлатҳо ва ҷомеаҳои муосир бештар аз сабаби зиддиятҳои мавҷуда дар муносибати динҳо ва дар дохили онҳо, фаъол шудани баъзе ташкилотҳои динии хориҷӣ, ки фаъолияти онҳо табиати возеҳ дорад, алоқаманд аст, **муайян карда шудааст**.

**Омӯхта шудааст**, ки масъалаҳои мухталифи пайдоиши ифротгароӣ, табиат ва хусусияти ҳаракатҳои ифротии динӣ, бунёдгароии динӣ, таҳлили шабакавии фаъолияти иғвоангезию ифротгароӣ аз тарафи Ж. Кёпел, Х. Декмеджян, Э. Сивана, Ҷ. Корбин, К. Макколи, М. Юргенсмейер, Ҷ. Хорган, А. Мерари, фаъолияти созмонҳои ифротгароӣ, исломи тафритӣ, ифротгароии динӣ, ғоявӣ ва сиёсӣ аз ҷониби муҳаққиқони рус В.Е. Петришев, К.В. Жаринов, С.А. Лантсов, Н.В. Жданов, Л.И. Медведко, С.В. Дяков, Ю.И. Авдеев, С.М. Ермаков, Н.Б. Лебедева, А.И. Гушер, К.Н. Бурхано ғ. мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд;

**Пешниҳод гардид**, ки пешомадҳои ифротгароии динӣ дар Тоҷикистони муосир аз вазъияти имрӯзаи фаъолияти созмону ҳаракатҳои ифротӣ, тактика ва стратегияи мубориза бо ифротгароии динӣ, бартараф ё маҳдуд намудани сабабҳо ва омилҳои пайдоиш ва рушди ифротгароии динӣ вобаста аст. Дар шароити имрӯза таҳдид ва хатари ифротгароии динӣ аз тарафи аксар давлатҳо ҳамчун заминаи мубориза бо неруҳои мухолиф истифода карда мешавад, ки метавонад боиси қувват гирифтани фаъолияти ҳаракату ҷараёнҳои ифротгароии динӣ дар ҷомеаҳои имрӯза гардад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки эътимоднокӣ ва саҳеҳияти натиҷаҳои илмии ба даст омада бо заминаи омӯзиши ҳамаҷонибаи шумораи зиёди сарчашмаҳои илман асоснокгардида, бо усули муносибати муназзам, инчунин бо таҳлили шароитҳои объекти таҳқиқот, маҷмуи методҳои умумиилмӣ ва соҳавӣ муайян мегардад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, ҳамчунин тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия ифода меёбад. Диссертант дар тасниф ва таҳқиқи ҷобаҷогузории мавод дар бобҳо, коркарди маълумоти бадастомада ва таҳлили натиҷаҳо, ҷамъбасту хулосабарориҳо бо сабки баёни фаҳмо ва мушаххас саҳм гузоштааст.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Муллоботур Муллобаҳодур бо дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 4 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 15 нафар ҳайати умумии шуро, овоз доданд: тарафдор – 13 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест

Муовини раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа., профессор — Ахмедов С.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа — Муминов А.И.

07 марти соли 2024